**ПРОТОКОЛИ №5**

**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-105**

аз «17» сентябри соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 декабри соли 2025, №458/шд тасдиқгардида 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 7 нафарашон доктори илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳок дар мавзуи «Пешгӯй намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ Қаландарбеков И. ва аъзои комиссия Холмуратов Т.Р., Қосимов И.Л. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мазуи «Пешгӯй намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мавзуи «Пешгӯй намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва

информатика (1.2.8. Моделсозии математики, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) пешниҳод шудааст, шунида, барраси карда

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ дар мавзуи "Пешгӯӣ намудани ҳодисаҳои экстремалии гидрологӣ ва интихоби усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Инмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо) (соҳаи техникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Гулахмадзода Аминҷон Абдуҷаббор - доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.09.07 - Гидравлика ва гидрологияи муҳандисӣ.
- Ҳалимов Илҳом Исломович - дотсент, номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 3-юми декабри соли 2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор- 9 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест.

**Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионии
6D.KOA-105, д.и.ф.-м., профессор Ф.С. Комилиён

Котиби илмии шурои диссертатсионии
6D.KOA-105, н.и.ф.-м., дотсент Садуллоев Р.И.